# Тақриз

**ба фишурдаи диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300- Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Диссертатсияи илмии Иброгимова Машҳурахон ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимми илми забоншиносӣ, яъне ба таҳлили муқоисавии майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст.

Мақсади таҳқиқоти мазкур таҳлили муқоисавии сохтори майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисиву тоҷикӣ ва муайян намудани хусусиятҳои шабеҳ ва фарққунандаи онҳо дар забонҳои муқоисашаванда мебошад. Барои расидан ба мақсади мазкур муаллиф вазифаҳои муҳимми илмиро ба тартиби зайл анҷом додааст: омӯзиши муаммоҳои ифодаи майдон дар илми забоншиносии муосир, дарёфт ва муқоиса намудани воситаҳои гуногунсатҳи забонии ифодакунандаи маънои локативият дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, тасвири сохтории майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ ва мушаххас намудани ҳудудҳои таркибии он дар ҳар ду забони муқоисашаванда, муайян намудани нишондиҳандаҳои таркибии майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ, мақоми онҳо дар таркиби майдон ва паҳншавии нишондиҳандаҳо дар дохили майдон дар забонҳои қиёсшаванда, инъикос намудани шабоҳату тафовути нишондиҳандаҳои майдонҳои хурди ҷойгиршавӣ ва ҷойивазкунӣ дар ҳар ду забони қиёсшаванда, баровардани хулосаҳои мушаххаси илмӣ дар асоси таҳқиқоти бадастоварда.

Навгонии илмии таҳқиқот қобили таъкиди махсус аст ва он қабл аз ҳама дар он дида мешавад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти омӯзиши майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар илми забоншиносии муқоисавӣ иқдоми нахустин мебошад ва дар пажуҳиши мазкур сохтор ва ҷузъҳои таркибии майдони функсионалӣ-семантикии локативии забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ мавриди пажуҳиши махсус қарор гирифта, ҷиҳатҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо ошкор карда шудаанд.

Диссертатсия таҳти унвони «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

6D.КОА-036 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) комилан мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи мазкур аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боби асоси бо зербобҳояш, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, дар умум 172 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, навоварии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, асосҳои методологӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, объект ва манбаъҳои таҳқиқот, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забоншиносӣ ва муаммоҳои он» унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст ва оид ба асосҳои омӯзиши воҳидҳои забонӣ аз нигоҳи назарияи майдони функсионалӣ-семантикӣ маълумоти саҳеҳ медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Майдони хурди ҷойгиршавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ду фаслро фарогир аст ва дар он оид ба сохтори майдони хурди ҷойгиршавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва нишондиҳандаҳои асосии марказу музофоти он маълумоти мухтасар дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Майдони хурди ҷойивазкунӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» номгузорӣ шуда, дар он сохтор ва таркиби майдонҳои хурди ҷойивазкунӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ботафсил мавриди муқоиса таҳлил гаштааст.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ бардошти худро хеле муфассалу дақиқ ва равшану возеҳ ироа намудааст.

Дар умум, автореферати Иброгимова Машҳурахон дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» бо забони хуби илмӣ таълиф шудаст.

Автореферати диссертатсия ва 9 мақолаи диссертант, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ

(6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор аст.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон: **Ишанкулова Дилбар Гафуровна**
**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 20, хонаи 6, ҳуҷраи 69
тел.: (+992) 922770765
E-mail: dilbar_hasanova@mail.ru

Имзои номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон Д.Г. Ишанкуловаро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон **Бобоев Анварбек Хӯҷаевич**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

“14” 04 2025

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш. Хуҷанд, 17 мкр, бинои №1
www.tsulbp.tj
E-mail: boboev-anvar@mail.ru
Тел: 83422 2-38-11
(+992) 92 8656307